*Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

| Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | №146 (4886) | ДУШАНБЕ, 2 ДЕКАБРИ СОЛИ 2024 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад |
|---|---|---|---|





## МАҶЛИСИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**29-уми ноябри соли 2024 таҳти раёсати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Дар кори маҷлис нахуст дар бораи «Барномаи рушди соҳаи механиконии инноватсионии кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2025-2029» гузориши вазири кишоварзӣ Қурбон Ҳакимзода шунида шуд.

Таъкид гардид, ки вазифаҳои асосии барномаи мазкур, ки дар асоси талаботи «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» таҳия гардидааст, муҳайёсозии заминаи асосии рушди устувори механиконии соҳаи кишоварзӣ ва дар маҷмӯъ, рушди ин соҳаи кишвар мебошад. Дар барнома роҳҳои механиконии чорабиниҳои агротехникии парвариши растаниҳо ва чорводории муосири кишоварзӣ, аз ҷумла тавассути инноватсия, истифодаи техника ва мошинолоти муштараки кишоварзӣ, ки метавонад як қатор амалиётҳои технологиро дар як вақт иҷро карда, мушкилиҳои соҳаро ҳаллу фасл намояд, нишон дода шудааст.

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба вазорату идораҳои дахлдор ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо барои иҷрои саривақтӣ ва пурсамари барнома ва ба ин восита афзун намудани маҳсули соҳаи кишоварзӣ ва ҳиссаи он дар рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар дастуру супоришҳои мушаххас доданд.

Сипас лоиҳаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи захираи моддии давлатӣ» ва «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» муҳокима ва барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол карда шуд.

Тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон барои аз байн бурдани баҳсҳо миёни андозсупорандагон ва мақомоти андоз, духӯрагиҳо ва боз ҳам беҳтар намудани фазои соҳибкорию сармоягузорӣ пешниҳод мешавад, ки аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2022 «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бармеояд.

Дар идомаи маҷлис «Стратегияи миллии оби Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040» баррасӣ ва қабул карда шуд.

Дар фароварди маҷлис Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъулин доир ба суръат бахшидан ба кишти тирамоҳӣ, ҷамъбасти босифати натиҷаҳои сол, омода намудани заминаҳои мусоид барои Конфронси байналмилалии ҳифзи пиряхҳо ва Конфронси оби Созмони Милали Муттаҳид дар Тоҷикистон, тадбирандешӣ барои истиқболи сазовор аз Наврӯзи ҷаҳонии оянда ва Ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дастуру тавсияҳо доданд.

## ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ҚАЗОҚИСТОН



**28-уми ноябри соли 2024 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои иштирок дар ҳамоиши навбатии Шурои амнияти дастҷамъии Созмони Аҳдномаи амнияти дастҷамъӣ ба шаҳри Остонаи Ҷумҳурии Қазоқистон сафар карданд.**

Дар Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар шахсони расмӣ гусел намуданд.

Дар ин сафар Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро вазири корҳои хориҷӣ, ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои робитаҳои хориҷӣ, вазири мудофиа, котиби Шурои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар шахсони расмӣ ҳамроҳӣ карданд.

**28-уми ноябри соли равон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои иштирок дар ҳамоиши навбатии Шурои амнияти дастҷамъии Созмони Аҳдномаи амнияти дастҷамъӣ вориди шаҳри Остонаи Ҷумҳурии Қазоқистон шуданд.**

Дар Фурудгоҳи байналмилалии ба номи Нурсултон Назарбоев Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро Сарвазири Ҷумҳурии Қазоқистон Олжас Бектенов ва дигар намояндагони воломақом гарму самимӣ истиқбол гирифтанд.

Ба истиқболи меҳмони олиқадр майдони фурудгоҳ бо парчамҳои давлатӣ оро ёфта, қаровули фахрӣ саф ороста буд.

**28-уми ноябри соли ҷорӣ дар шаҳри Остонаи Ҷумҳурии Қазоқистон ҳамоиши Шурои амнияти дастҷамъии Созмони Аҳдномаи амнияти дастҷамъӣ баргузор гардид, ки дар кори он Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иштирок ва суханронӣ намуданд.**

Дар кори ҷаласа, ҳамчунин, роҳбарони давлатҳои Беларус, Россия, Қазоқистон, Қирғизистон ва Дабири кулли Созмони Аҳдномаи амнияти дастҷамъӣ иштирок намуданд.

Дар ҷаласаи навбатии Шурои амнияти дастҷамъӣ масъалаҳо вобаста ба вазъи низомию сиёсии ҷаҳон ва минтақаҳои амнияти дастҷамъӣ, таҳкими ҳамкорӣ дар доираи созмон ва дурнамои рушди низоми амнияти дастҷамъӣ, инчунин, рафти омодагиҳо ба таҷлили муштараки 80-солагии Рӯзи Ғалаба мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

Сарони давлатҳо доир ба роҳҳои таҳкиму густариши ҳамкорӣ дар доираи Созмони Аҳдномаи амнияти дастҷамъӣ, робитаҳо бо дигар созмонҳои минтақавию ҷаҳонӣ ва нақшаҳои чорабиниҳои созмон дар соли 2025 табодули афкор намуданд.

Сарвари давлати Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар оғози суханронӣ ба Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Қосим-Жомарт Токаев барои истиқболи самимӣ ва сатҳи баланди ташкили чорабинӣ изҳори сипос намуда, таваҷҷуҳи иштирокдорони ҷаласаро ба таъсири манфии шиддатёбии вазъи ҳарбӣ-сиёсии минтақа ва ҷаҳон ба кишварҳои аъзои СААД ҷалб намуда, чунин изҳор доштанд: «Ҳамаи масъалаҳои рӯзномаи имрӯза воқеияти кунуниро инъикос мекунанд ва мо ҷонибдори қабули қарорҳои муносиб доир ба онҳо ҳастем».

Дар идома Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои дастгирӣ аз тасмим дар бораи тасдиқи «Барномаи байнидавлатии ҳадафманди СААД оид ба таҳкими марзи Тоҷикистону Афғонистон» изҳори сипос намуданд.

Дар фароварди сухан Сарвари давлати мо ба раёсатиояндаи Ҷумҳурии Қирғизистон дар СААД хоҳони барору комёбӣ шуда, изҳор доштанд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кори муштараки босамар бо кишвари ҳамсоя омода аст ва ҷиҳати иҷрои нақшаҳои барои давраи раёсат муайяншуда ҳамаҷониба мусоидат хоҳад кард.

Дар поёни мулоқот сарони давлатҳо як қатор санадҳо, аз ҷумла «Эъломияи Шурои амнияти дастҷамъии Созмони Аҳдномаи амнияти дастҷамъӣ», қарор дар бораи тасдиқи «Барномаи ҳадафманди байнидавлатии СААД оид ба таҳкими марзи Тоҷикистону Афғонистон» ва ғайраро ба имзо расониданд.

**www.prezident.tj**

## ҲАМДАРДӢ БИНОБАР ДАРГУЗАШТИ НИЗОРАМО ЗАРИФОВА

**30-юми ноябри соли 2024 яке аз шахсиятҳои маъруфи кишвар, арбоби давлатӣ ва ҷамъиятӣ Низорамо Зарифова дар синни 101-солагӣ аз дунё даргузашт.**



Низорамо Зарифова солҳои тӯлонӣ дар вазифаҳои гуногуни мақомоти роҳбарикунанда ба давлат ва халқи Тоҷикистон содиқона хизмат карда буд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бинобар даргузашти Низорамо Зарифова ба наздикону пайвандони ӯ ҳамдардӣ баён намуда, ба онҳо сабри ҷамил хостанд.

**www.prezident.tj**

## ҶАЛАСАИ ШУРОИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОН

**Дуюми декабри соли 2024 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ҷаласаи навбатии Шурои Маҷлиси намояндагон баргузор гардид.**

Дар он масъалаҳо «Дар бораи лоиҳаи Барномаи қарзгирии берунаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025 ва дурнамои нишондиҳандаҳои он барои солҳои 2026-2027», «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025» ва дурнамои нишондиҳандаҳои буҷети давлатӣ барои солҳои 2026-2027», «Дар бораи Самтҳои асосии сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025 ва давраи миёнамуҳлат», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти аудиторӣ», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи



молиявӣ», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи номҳои объектҳои ҷуғрофӣ», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи олами ҳайвонот» ва «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» мавриди баррасӣ қарор гирифта, ба ҷаласаи навбатии Иҷлосияи шашуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум пешниҳод гардид.

Дар ҷаласаи шуро, инчунин, масъалаҳо «Оид ба баргардондани лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сарватҳои зеризаминӣ», «Дар бораи баргардондани лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷангали Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи доир намудани муҳокимаи парламентӣ оид ба иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024» дар 9 моҳи соли 2024» ва «Дар бораи гузориши роҳбари Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ҷамъбасти натиҷаи вохӯриҳои вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо интихобкунандагон» баррасӣ гардида, вобаста ба онҳо қарорҳои дахлдор қабул карда шуд.

Шурои Маҷлиси намояндагон, ҳамчунин, «Дар бораи даъват кардани ҷаласаи навбатии Иҷлосияи шашуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум» ва «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзномаи ҷаласаи навбатии Иҷлосияи шашуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум» қарор қабул кард.

**«Садои мардум»**

# ҶУСТУҶӮИ СУЛҲ, МУСОЛИҲА ВА ТАҲАММУЛПАЗИРӢ

**Чунин ном дошт конфронси байналмилалии байнипарлумонӣ, ки рӯзҳои 23-27 ноябри соли 2024 дар Шоҳигарии Камбоҷа баргузор гардид.**




Чорабинии мазкур бо ибтикори Маҷлиси ҷаҳонии таҳаммулпазирӣ ва сулҳ (АМА) дар ҳамкорӣ бо ҳукумат, сенат ва Маҷлиси миллии Шоҳигарии Камбоҷа танзим ва роҳандозӣ карда шуд. Дар кори ин чорабинӣ раиси Комиссия оид ба одоби вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзулло Баротзода иштирок намуда, дар мавзуи «Таҷрибаи сулҳи тоҷикон ва нақши он дар таъмини ҳамзистии сиёсӣ-иҷтимоӣ» суханронӣ кард.

Зимни суханронӣ таъкид гардид, ки таҷрибаи сулҳи тоҷикон падидаи нодири даврони муосир аст. «Амалисозии вазифаи душвору мураккаби сулҳофаринӣ танҳо баъди баргузории Иҷлосияи таърихии XVI Шурои Олӣ оғоз гардид. Роҳбари давлати Тоҷикистон интихоб шудани муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оғози давраи нав ва ташаккули модели сулҳи тоҷикон гардид. Бозёфти бузурги сиёсии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳалли муаммои ду масъалаи печида – қабули Конститутсияи даврони истиқлолият ва ташкили ҳизби нави мардумӣ зоҳир гардид. Ҳар дуи ин масъала ҳалли дурусти худро дар соли 1994 пайдо кард. Тоҷикистон бо роҳбарии меъмори сулҳи тоҷикон – Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон марҳилаҳои душвори сиёсӣ-иҷтимоиро тай намуд ва дар натиҷаи татбиқи самараноки меъёрҳои конститутсионӣ аз соли 2000 ба марҳилаи рушди устувор ворид гардид, - иброз намуд вакили Маҷлиси намояндагон.

Мавсуф, ҳамчунин, таъкид намуд, ки имрӯз таҷрибаи сулҳофаринии тоҷикон ба мактаби ибратомӯзи ҳалли низоъҳои дохилидавлатӣ мубаддал гардидааст. Тоҷикистон аз баракати ҳамин таҷрибаи нодири сулҳи ҷаҳонӣ 33 сол аст, ки дар шароити сулҳу субот ва истиқрори комили миллӣ рушд мекунад.



# КОНФРОНСИ БАЙНИПАРЛУМОНӢ ДАР ТУРКМАНИСТОН

**27-уми ноябри соли 2024 вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ғайрат Азиззода ва Ғиёсиддин Ашурзода дар конфронси байналмилалӣ дар мавзуи «Таъмини имкониятҳои баробар: нақши ҷавонон ва якдилии наслҳо дар бунёдиояндаи шукуфон», ки дар шаҳри Ашқободи Туркманистон баргузор гардид, иштирок ва суханронӣ намуданд.**

Вакилони Маҷлиси намояндагон зимни суханронӣ таъкид намуданд, ки имрӯз мо бо мушкилоти зиёди ҷаҳонӣ рӯ ба рӯ ҳастем, ки на танҳо талошҳои дипломатӣ ва хиради сиёсӣ, балки ҳамбастагии воқеии наслҳоро тақозо мекунанд. Гап дар бораи дастгирии ҷавонон, фароҳам овардани шароит барои имкониятҳои баробар ва таъмини иштироки онҳо дар равандҳое меравад, киояндаи сайёраи моро муайян мекунанд.

- Ҷавонон чун неруи бебаҳо ва эҷодкор хоҳиши беҳбуди ҷаҳонро доранд. Ин на танҳо орзуҳои идеалӣ, балки амалҳои воқеие мебошанд, ки имрӯз ҷомеаро дигаргун сохта истодаанд.

Дар кишвари мо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон» қабул гардид, ки ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ҷавононро ба танзим медарорад. Қонуни мазкур ба фароҳам овардани шароит барои рушди ҳамаҷонибаи ҷавонон, таъмини ҳуқуқҳои баробар дар таҳсил, шуғл, ҳифзи саломатӣ ва ҳаёти фарҳангӣ нигаронида шудааст.

Илова бар ин, соли 2021 «Барномаи давлатии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030» қабул гардид, ки ҳадафи он баланд бардоштани сатҳи маълумотнокӣ ва шуғли ҷавонон, ташаккули тарзи ҳаёти солим, дастгирии созмонҳои ҷавонон ва густариши ташаббусҳои волонтёрӣ мебошад. Барномаи мазкур муносибати стратегиро ба ҳамгироии ҷавонон бо равандҳои идоракунии давлатӣ ва ҷамъиятӣ, инчунин, фароҳам овардани шароит барои худшиносии ҷавонон тасдиқ мекунад, - иброз доштанд вакилони Маҷлиси намояндагон .

Вакилон, ҳамчунин, таъкид намуданд, ки ҳамбастагии наслҳо на танҳо шиори идеологӣ, балки зарурати воқеии таъмини адолат ва пойдории ҷомеа мебошад. Мо бояд на танҳо ба нафъи имрӯз, балки ба нафъи насли оянда кор кунем.

Ҷалби ҷавонон ба равандҳои қабули қарорҳо муҳимтарин вазифаест, ки ҳар як давлат бояд бо он рӯ ба рӯ шавад. Баҳсҳои имрӯза заминаи саъю кӯшиши муштаракро барои фароҳам овардани имкониятҳои баробар ташкил намуда, ҳамбастагии воқеии наслҳоро таъмин хоҳанд кард, ки ба бунёди ҷаҳони ободу пойдор бароиояндаи мо мусоидат мекунад.

Конфронси мазкур бо ибтикори Парлумони Туркманистон ва Ассамблеяи парлумонии Созмони амният ва ҳамкории Аврупо баргузор гардид.

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ, мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи МНМО ҶТ**

# ОБ АТОИ БЕПУЛИ ТАБИАТ НЕСТ,

## он як қисми мероси сайёра мебошад

**Тадқиқоти олимон нишон медиҳад, ки то соли 2025 аз се ду сокини сайёра аз камобӣ азият мекашанд - онҳо ташна хоҳанд монд ё ба бемориҳое, чун вабо ва амебиаз (маризии сироятӣ дар рӯдаю ҷигар) дучор мешаванд, ки аз сабаби сифати пасти об ба вуҷуд меояд. Ин як буҳрони бесобиқа дар таърихи башар аст. Дар миқёси ҷаҳонӣ ҳеҷ гоҳ чунин мушкил набуд...**

Қалби ҳассоси сайёраи мо, ки онро баҳрҳои гарм иҳота намудааст, асосан аз об, диоксиди карбон, нитроген ва баъзе маъданҳои ибтидоӣ ба вуҷуд омадааст.

Инсон метавонад бидуни хӯрок то 35 рӯз зинда монад, аммо агар об нанӯшад, давоми 5 - 6 рӯз ҳалок мешавад. Ҳар мавҷудоти зинда дар сайёра аз ҷараёни муттасили об ва мувозинати байни обе, ки организм аз даст медиҳад ва он чизе, ки онро иваз мекунад, вобаста аст. Кӯдак дар батни модар 95 дарсад вазни худро дар об дорад, кӯдаки навзод 80 дарсад ва одами калонсол тақрибан 70 дарсад. Об дар бадани мо ҳуҷайраҳо, хун, рагҳо, артерияҳо, моеъи лимфаро, ки дар рагҳои лимфавӣ ҷорӣ мешаванд ва амали молекулаҳои гуногуни барои ҳаёт муҳимро таъмин мекунад. Дар асл, вақте ки мо об менӯшем, намакҳои маъданӣ, аз қабили натрий, калий, калтсий ва ғайраро, ки дар он ҳал шудаанд, иваз мекунем.

Ҳангоми паст шудани ҳиссаи об фишор пасту ҳаракат суст мешавад ва бадан аз гирифтани неруи зарурӣ азият мекашад. Дил барои кӯшиши дар тамоми бадан кашидани хун саъйи бештар ба харҷ медиҳад, ҳуҷайраҳои мағзи сар оксигенро кам гирифта, фаъолияташон суст мегардад ва гурда захрҳои камтарро филтр мекунад. Аз ин рӯ, истеъмоли ҳаррӯзаи 300 мг об барои як килограмм вазн барои калонсолон тавсия дода мешавад ва барои кӯдакони аз шашмоҳа то яксола барои як килограмм вазн аз 100 то 120 мг об лозим аст.

Имрӯз беш аз ҳарвақта зиндагии инсон аз об вобаста аст. Барои тавлиди як кило коғаз 540 литр об, як литр шир - 4000 ва як тонна пӯлод - 260.000 литр об сарф мешавад ва барои ба даст овардани 1 кило гӯшт аз 20 то 60 ҳазор литр об лозим буда, барои қонеъ кардани ниёзҳои аввалияи худ инсон рӯзе то 300 литр об сарф мекунад.

Аз чор се ҳиссаи сатҳи Заминро об ташкил медиҳад, ки ин тақрибан 1,5 миллиард $км^3$ об дар саросари сайёра, аз ҷумла уқёнусҳо, дарёҳо, кӯлҳо, обҳои зеризаминӣ ва пиряххо, мебошад. Ба назар чунин менамояд, ки гӯё ҷаҳон ба буҳрону инқирози таъминоти об дучор шуданист, чунки танҳо як қисми хеле ками тамоми обҳои сайёраи Замин барои таъмини аҳолӣ истифода мешаванд. Аввалин мавҷудоти зинда дар рӯи замин тақрибан 3,5 миллиард сол пеш дар об пайдо шудааст. Интиқоли намакҳои минералӣ ва моддаҳои дигар ба ҳуҷайра ё берун аз он тавассути маҳлулҳои обӣ анҷом дода мешаванд ва ҳатто танзими ҳарорати бадан аз об вобаста аст.

Абрҳои пайваста ташаккулёбанда вақте аз ҳисоби миқдори об вазнин мешаванд, дар шакли борон ба сатҳи замин бармегарданд. Қисми оби борон ба хок ворид шуда, қабатҳои обҳои зеризаминиро ташкил медиҳад. Қисми дигар ба дарёҳо, баҳрҳо, кӯлҳо ва уқёнусҳо ҷорӣ шуда, бо гармии офтоб боз бухор мешаванд. Мутаассифона, қисми зиёди об дар қитъаҳои олам олуда ҳастанд ва тозакунию коркарди об як раванди хеле гарону мураккаб аст, ки барои аз байн бурдани обҳои ифлос пешбинӣ шудааст. Дар баъзе кишварҳо оби партов, новобаста аз саноат ё хонаҳо, пеш аз баровардан ба дарёҳо ва баҳрҳо тоза карда мешаванд, вале ин обҳо тоза номида шаванд ҳам, умуман нӯшиданӣ нестанд.

Инсоният метавонад дар ҳазорсолаи сеюм шоҳиди як навъи нави ҷанг шавад. Ҷангҳои асри оянда баръакси муноқишаҳои асрҳои гузашта, хоҳад буд. Соли 1967, вақте ки арабҳо барои тағйир додани маҷрои дарёи Урдун ва шохобҳои он корҳои муайянро анҷом доданд, он дарёи асосии минтақа буд ва дар ҷануби Лубнон боло меравад, аз Исроил ва Урдун мегузарад, яъне, бо роҳи нав Исроил қобилияти обро аз даст медиҳад. Исроил фармон дод, ки он бомбаборон карда шавад, то рақобат бо кишварҳои ҳамсоя боз ҳам шадидтар гардад. Дар қаламрави Бразилия 20 фоизи тамоми оби рӯизаминии сайёра ҷойгир аст. Аксари ин ҳаҷм, тақрибан 80 дарсад, дар Амазонка воқеъ мебошад. Маҳз дар он минтақа бузургтарин ҳавзаи дарёи Амазонка бо 6 миллион километри мураббаъ ҷойгир буда, ин кишвар дорои 12 дарсад оби тозаи равон дар ҷаҳон аст. Дар Бразилия зиёда аз 90 дарсади канализатсияи дохилӣ ва тақрибан 70 дарсади партовҳои саноатии тозашуда ба обанборҳо партофта мешаванд.

Дар аксари кишварҳо, маҳз дар деҳот истеъмоли аз ҳама зиёди об ба амал меояд: кишоварзии интенсивӣ барои як нафар дар як рӯз беш аз панҷсад литрро талаб мекунад. Ҷумаки обӣ дар як рӯз 46 литрро сарф мекунад, ки ин дар як моҳ 1380 литрро ташкил медиҳад, яъне, зиёда аз як метри мукааб дар як моҳ ва сурохи 2 миллиметрии қубур метавонад дар як рӯз 3200 литр обро беҳуда талаф диҳад. Бо ҷумаки кушода дар 5 дақиқа барои шустани дандонҳо 12 литр об сарф мешавад ва агар шумо ҳангоми шустани дандон ҷумакро хомӯш кунед, шумо танҳо 1 литр об масраф хоҳед кард. Дар ҳаммом ба ҳисоби миёна дар тӯли 5 дақиқа 70 литр, дар як сол бошад, 25.550 литр масраф мешавад.

Аз тамоми обҳое, ки дар ҷаҳон истифода мешаванд, 10 дарсад барои истеъмоли инсон, 20 дарсад ба соҳаи саноатӣ ва 70 дарсад ба соҳаи кишоварзӣ рост меояд. Замин 1,4 миллиард метри мукааб об дорад. Аз ин миқдор 97,5 дарсад оби шӯр аст.

Тахмин 2 ҳазор сол пеш аҳолии ҷаҳон ба 3 дарсад аҳолии ҳозира мувофиқат мекард, дар ҳоле ки дастрасии об бетағйир монд. Аз соли 1950 инҷониб, истеъмоли об дар ҷаҳон се маротиба афзуд. Истеъмоли миёнаи об ба ҳар як сокин тақрибан 50 дарсад зиёд шуд. Ду аср қабл як шахс барои қонеъ кардани ниёзҳои худ дар як рӯз 12 литр, баъдан, то 20 литр ва дар асри XIX дар шаҳрҳои хурд 40 литр ва дар шаҳрҳои калон рӯзе 60 литр об истеъмол мекард ва дар асри нав одами муосир барои қонеъ кардани ниёзҳои худ дар як рӯз 800 литр об истифода мекунад. Об дар сайёра чунин тақсим мешавад: 97,5 дарсад намакин; 2.493 дарсад дар пиряххо ва зеризаминии дорои дастрасии душвор; 0,007% ширин ва дастрас. Захираи оби нӯшокӣ, ки ҳоло дар сайёра мавҷуд аст, 12.500 $км^3$ мебошад. Солҳои 1970-1995 ҳаҷми об барои ҳар як сокини ҷаҳон 37 дарсад коҳиш ёфт. Имрӯз, тақрибан 1,4 миллиард нафар ба оби тоза дастрасӣ надорад.

Созмони Милали Муттаҳид соли 1992 Рӯзи ҷаҳонии обро 22 март муайян кард. Ҳадаф инъикос, муҳокима ва ҷустуҷӯи ҳалли ифлосшавӣ, партовҳо ва норасоии об дар саросари ҷаҳон мебошад. СММ санадеро таҳти унвони Эъломияи умумии ҳуқуқи об таҳия кард, ки дар он аз ҷумла, чунин оварда шудааст: «Об атои бепули табиат нест, он арзиши иқтисодӣ дорад, он нодир ва гарон аст ва метавонад дар ягон нуқтаи ҷаҳон камёб бошад; муҳофизати он барои ҳар як мард ё гурӯҳи иҷтимоӣ, ки онро истифода мебарад, уҳдадории қонунист; мувозинат ваояндаи сайёраи мо аз ҳифзи об ва давраҳои он вобаста аст; захираҳои табиӣ барои табдил додани об ба оби ошомиданӣ нозук ва хеле маҳдуданд. Аз ин рӯ, об бояд эҳтиёт карда шавад; муҳофизати он як зарурати ҳаётан муҳим аст, инчунин, уҳдадории маънавии инсон дар назди наслҳои ҳозира ва оянда буда, об як қисми мероси сайёра мебошад. Ҳар як қитъа, ҳар як халқ, ҳар як миллат, ҳар як минтақа, шаҳр, ҳар як шаҳрванд барои оби Замин комилан масъул аст; истифодаи он бояд бо огоҳӣ сурат гирад, то ба ҳолати фарсуда ё бад шудани сифати захираҳои мавҷуда нарасад».

**Таҳияи Ш. ҲУСЕЙНЗОДА, «Садои мардум»**



# НЕРУИ БУЗУРГИ СОЗАНДА

**Соли равон дар кишварамон сиюмин солгарди таъсисёбии Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон таҷлил мегардад. Хабарнигори рӯзнома бо раиси кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Тоҷикобод Ҳилолӣ Фозилзода оид ба дастовардҳои ҳизб дар ноҳия суҳбат доир намуд.**

**- Фаъолияти сисолаи ҳизбро дар ноҳияи Тоҷикобод чӣ гуна арзёбӣ менамоед?**

- Собиқадорон ба ёд меоранд, ки он солҳо бинобар ҳаводиси маълум масъулони ҳизб дар ноҳия ба мушкилиҳо дучор мегаштанд. Пас аз истиқрори сулҳ фаъолияташ дар ноҳия беҳтар шуд. Соли 2001 кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳия расман таъсис ёфт. Масъулияти роҳбарии ҳизб ба зиммаи Баҳодур Абдусатторзода, Илҳом Хуҷумборов, Зулфиқор Рамазонзода, Лутфулло Шифоев гузошта шуд.

Солҳои баъдӣ бо заҳмату талошҳои Раиси муаззами ҳизб, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Тоҷикобод корҳои ободонию созандагӣ вусъати тоза пайдо намуданд. Дар даромадгоҳи ноҳия ба ҷои пули харобгаштаи болои дарёи Сурхоб соли 2008 пул бунёд гардид, ки Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар кушодашавии он суханронии пурмуҳтаво ва ин пулро «Ваҳдат» номгузорӣ карданд. Ин ном хеле мувофиқ аст, зеро мардуми ду соҳили дарёи Сурхобро ба ҳам пайваст ва шароит фароҳам овард, ки якҷоя пайи ободии диёр содиқона заҳмат кашанд. Дар ин давра дар шаҳраки Тоҷикобод варзишгоҳи замонавӣ бо 6 ҳазор ҷои нишаст, меҳмонхонаи сеошёнаи замонавӣ ва даҳҳо иншооти хурду бузург бунёд гардиданд, ки симои ноҳияро ба куллӣ дигар намуданд. Мардум дар симои Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон неруи бузурги созандаро дида, сидқан онро ҷонибдорӣ намуданд. Бахшида ба Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёди 101 иншооти нав ба нақша гирифта шуда, корҳои сохтмонӣ дар аксари онҳо идома доранд.

21-уми сентябри соли 2021 дар ноҳия биноӣ нави маъмурии кумитаи иҷроияи ҲХДТ бо иштироки Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуд. Бо дастгирии кумитаи иҷроияи марказии ҳизб биноӣ нави дуошёна бо таҷҳизоти зарурӣ ва гармидиҳӣ таъмин гашт.

Фаъолияти ҳизб дар соли сипаришуда низ пурмаҳсул буд. Суҳбату вохӯриҳо, хонишҳои сиёсӣ бо кормандони ташкилоту муассиса ва шаҳраку деҳот, конференсияҳои илмию амалӣ, суҳбатҳои гирди миз, аксияҳо, мусобиқаҳои варзишии шоҳмот, волейбол ва футбол, расонидани кумак ба хонаводаи афсари шаҳидшуда, хабаргирии собиқадорони ҳизбу меҳнат, маъюбону ниёзмандон аз корҳое буданд, ки соли сипаришуда анҷом ёфтанд. Шумораи аъзои ҳизб зиёд шуда, ба 1566 нафар, аз ҷумла 265 зан ва 383 ҷавон, расид. Ин муддат теъдоди ташкилоти ибтидоии ҳизб аз 51 ба 53 адад расид.

**- Ба андешаи Шумо мафкураи ҷавонони имрӯза то чӣ андоза тағйир ёфтааст?**

- Давоми солҳои соҳибистиқлолӣ мардуми кишварамон роҳи мураккаберо тай намуд. Дар ин масир, мутаассифона, гаравиши бархе ҷавонони ноогоҳро ба ҳизбу ҳаракатҳои бегона шоҳид гаштем. Хушбахтона, сол то сол теъдоди чунин ҷавонон кам гашта, сафи ҷавонони ватандӯст меафзояд. Зимни мулоқот бо ҷавонон дарк мекунем, ки онҳо ба моҳияти ин мавзуъ ва ҳадафҳои нопоки чунин ҳаракатҳо пурра сарфаҳм мераванд, ба қадри сулҳу субот мерасанд. Бо вуҷуди ин, дар вохӯриҳо бо ҷавонон ҳамеша доир ба ҳушёрии сиёсӣ ва илму ҳунаромӯзӣ суҳбат мекунем. Агар ҷавонон аз нигоҳи сиёсӣ ҳушёр бошанд, ба илмомӯзӣ ва ё шуғли манфиатовар банд бошанд, ҳаргиз бо роҳи хато намераванд, мафкураи онҳо осебнопазир мемонад.

Ҷавонони ноҳияи мо худро аз пайравони содиқи Пешвои миллат медонанд ва талош мекунанд, ки чун Пешвои миллат созандаву ободкор ва ҷонфидои миллат бошанд.

**- Таҳлилҳо гувоҳи онанд, ки аксари ҷавонон ҳангоми берун аз ҷумҳурӣ будан ба ҳизбу ҳаракатҳои бегона пайвастанд. Кор бо ҷавононе, ки ба муҳоҷират мераванд, чӣ гуна ба роҳ монда шудааст?**

- Дар чорабиниҳои таблиғотӣ дар бобати ҳушёрӣ ва зиракии сиёсӣ суҳбат мекунем. Дар ин росто «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон гардидани соли 2024 дар Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иқдоми басо муҳим ва тақозои замон мебошад. Тибқи нақшаи тарҳрезишуда, дар самти баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии ҷавонон, ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳо, бахусус дар хориҷи кишвар, пешгирии ҷалби ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротгаро ва террористӣ, ҳимояи марзи кишвар, омӯзиши илму ҳунар, технологияҳои замонавӣ, варзиш чорабиниҳои зиёдро ба нақша гирифтаем. Бо ҷавононе, ки ба муҳоҷирати меҳнатӣ мераванд, вохӯрӣ доир намуда, бо падару модари онҳо суҳбат менамоем. Илова бар ин, масъулини кумитаи иҷроияи ҳизб вазифадор шудаанд, ки бо муҳоҷирони меҳнатӣ доимо дар робита бошанд.

**- Солҳои охир дар навоҳии водии Рашт нақшаи хизмат ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи ҷумҳурӣ дар рӯзи аввали даъват иҷро мешавад. Аз таҷрибаи ин маъракаи муҳим дар ноҳиятон мегуфтед.**

- Солҳои пеш дар ин самт мушкилиҳо ҷой доштанд. Солҳои охир ҳамкории самараноки роҳбарияти Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Тоҷикобод ва мақомоти марбута натиҷаи нек дод.

Баҳри тақвияти робитаи волидон бо қисмҳои ҳарбӣ боздиди волидон аз шароити хизмати сарбозон, мулоқоти судманд оид ба моҳияти хизмати ҳарбӣ, аксияҳо таҳти унвони «Ба муҳофизати Ватан омодаем», «Хизмат ба Ватан қарзи мо мебошад», «Ба Ватан содиқем» доир шуданд.

Ҳамчунин, мусобиқаҳои ҳарбӣ-варзишии «Ватанпарвар» ва «Ҳомиёни Ватан» дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, дар кохи фарҳанг ва литсейи касбии техникии ноҳия озмуну конференсияҳои илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Нақши Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳифзи суботи ҷомеа», «Ҳимояи Ватан - қарзи ҷавонмардон» баргузор шуданд.

Минбаъд низ мо баҳри баландтар бардоштани обрӯ, нуфуз ва эътибори ҲХДТ барои сазовор гаштан ба боварии бештари халқ, ки аз ҳадафҳои барномавии ҳизб ва Сарвари муаззами он бармеояд, талош меварзем.

**- Ташаккур барои суҳбат.**

**Мусоҳиб Диловари МИРЗО, «Садои мардум»**

# МАҲФИЛИ ГИРОМИДОШТИ СОҲИБ ТАБАРОВ



**30-юми ноябри соли равон бахшида ба 100 - солагии адабиётшиноси маъруфи тоҷик, Арбоби шоистаи илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ (дар соҳаи адабиёт), профессори фахрии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, устоди забардаст Соҳиб Шуҳратиевич Табаров дар ноҳияи Муъминобод конференсияи ҷумҳуриявӣ баргузор гашт.**

Дар он мушовири бахши Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа Муҳиддин Пайшанбезода, раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Сайфиддин Давлатзода, муовини раиси вилояти Хатлон Анзурат Абдусаломзода, ноиби президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Муҳаммаддовуд Саломиён, муовини якуми вазири маориф ва илми ҷумҳурӣ Ҷамшед Ҷӯразода, ректори ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Дилшод Раҳмон, профессор Абдураҳмон Маҳмад, шоирон Ҳақназар Ғоиб, Алимуҳаммад Муродӣ, Салими Хатлонӣ, Озар Салим, Беҳрӯзи Забеҳулло ва чеҳраҳои дигари намоёни илму адаби кишвар иштирок ва суханронӣ намуданд.

Қабл аз оғози ҳамоиш дар саҳни оромгоҳ ва Ганҷинаи нақди адабии Соҳиб Табаров маросими пардабардорӣ аз рӯйи нимпайкараи адабиётшиноси шинохта сурат гирифт. Сипас, иштирокчиёни ҳамоиш аз ганҷинаи адабии мунаққид боздид ва оромгоҳи ӯро зиёрат намуданд.

Конференсияро шоир ва нависандаи тоҷик Салими Хатлонӣ оғоз бахшида, нақши Соҳиб Табаровро дар рушди адабиёти тоҷик муниру мондагор арзёбӣ кард.

Мушовири бахши Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа Муҳиддин Пайшанбезода зимни суханронӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ таҷлил гардидани солгарди С. Табаровро нишони арҷгузорӣ ба шахсиятҳои бузурги илму адаб арзёбӣ намуд.

Зикр шуд, ки Соҳиб Табаров умри бобаракати хешро сарфи пажӯҳиш ва таълиму тадриси адабиёти муосири тоҷик намудааст. Ба ӯ муяссар гардид, ки мактаби илмию омӯзгории худро тавассути заҳмати содиқона ба халқу Ватани азизаш ба вуҷуд орад. Ин мактаб имрӯз бо номи пурифтихори «Мактаби илмии мунаққидии Соҳиб Табаров» на танҳо дар кишвар, балки бурун аз он машҳур аст.

Муовини раиси вилояти Хатлон Анзурат Абдусаломзода иброз дошт, ки Соҳиб Табаров аз зумраи олимони пурмаҳсули тоҷик буда, дар соҳаҳои гуногуни илми адабиётшиносӣ, аз қабили нақди адабӣ, адабиётшиносии муқоисавӣ, таърихи адабиёт, матншиносӣ ва назарияи адабиёт, корҳои назаррас анҷом додааст.

Анзурат Абдусаломзода, ҳамчунин, изҳор намуд, ки бо дастгирии раиси вилояти Хатлон Ҷоизаи ба номи Соҳиб Шуҳратиевич Табаров дар вилояти Хатлон таъсис ёфтааст, ки мақсад аз он, пеш аз ҳама, ҳавасмандсозии адибон ва муҳаққиқони соҳаи адабиёт мебошад.

Дар конференсия таъкид шуд, ки Соҳиб Табаров масъалаҳои мураккабу мубрами таърихи адабиёти тоҷикро дар асри XX таҳлилу тадқиқ карда, дар ин замина корҳои мондагори илмӣ анҷом додааст. Рисолаҳои ӯ «Садриддин Айнӣ - асосгузори адабиёти советии тоҷик», «Пайрав Сулаймонӣ», «Адиби сухандон ва марди майдон» (дар бораи Лоҳутӣ), «Мунзим», «Мунозира»-и Абдурауфи Фитрат», «Тақдири фоҷиавии як шоири тоҷик» ва даҳҳои дигар на танҳо дар шинохти бузургони адабиёт, балки раванди бедории миллӣ мусоидат кардаанд.

Зимнан, дар доираи таҷлили 100-солагии Соҳиб Табаров соли равон дар донишгоҳу донишкадаҳо, пажӯҳишгоҳҳои илмӣ ва муассисаҳои дигари ҷумҳурӣ конференсияву нишастҳои илмӣ доир шуд.

Ин муддат, ҳамчунин, намунаҳое аз осори олим ва рисолаҳое дар бораи ӯ ба табъ расиданд.

**Исломи РАҶАБАЛӢ,**
**«Садои мардум»**

# ЭҲЁГАРИ НАСРИ МОҶАРО



**Нависандагон чанд тоифа мешаванд: як қисм ҳар чизи дидаву шунида ва аз таҷриба ҳосилкардаашонро менависанд, гурӯҳи дигар оламу одамро сайр карда, хулосаҳои илмиву бадеӣ рӯйи коғаз меоранд. Илова бар ин, боз навъи дигаре ҳам ҳастанд, ки ба олами руҳиву ботинии инсон дақиқ назар андохта, феълу аъмолашонро дар такопӯ, ҷунбуҷул, дар суръату ҳаракат нишон медиҳанд. Ин гуна адибонро дар адабиётшиносӣ нависандагони фантаст ё адибони моҷаронавис меноманд Зариф Ғулом аз ҳамин гурӯҳи адибоне мебошад, ки дар баробари маънавияти инсон феълу аъмоли образҳоро жарф ба мушоҳида мегирад.**

